# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. – Душанбе, 2026.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 1 апрели соли 2022, №95/шд ва 25 октябри соли 2024 №407 ш/д ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт» аз лиҳози назариявӣ ва амалии илми криминалистика дорои аҳаммияти баланд ва бисёрҷабҳа мебошад. Дар шароити муосир, ки ҳаракат ва нақлиёт қисми ҷудонашавандаи ҳаёти иҷтимоӣ гардидааст, афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёт ва осон гардидани дастрасӣ ба онҳо боиси афзоиши ҷиноятҳое мегардад, ки бо истифодаи ғайриқонунии ин воситаҳо алоқамананд. Дар солҳои охир, тибқи маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, шумораи чунин ҷиноятҳо дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли афзоиш дорад, ки ин ба ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Афзоиши устувори шумораи воситаҳои нақлиёт дар солҳои охир боиси зиёд гардидани ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ ҳам дар шоҳроҳҳо ва ҳам дар кӯчаҳои маҳалҳои аҳолинишин гардида, дар натиҷа ба расонидани зарари ҷиддии

ҷисмонӣ ва маънавӣ, инчунин дар баъзе ҳолатҳо ба оқибатҳои вазнин ва бебозгашт барои ҳаёт ва саломатии инсон оварда мерасонад

Ҳамзамон, соҳаи нақлиёт дар низоми иқтисоди миллии кишвар ҷойгоҳи муҳимро ишғол намуда, ба рушди соҳаҳои вобаста ва сатҳи некӯаҳволии аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар ин замина, нақлиёти мусофиркаш аҳаммияти махсус дорад, зеро дар маҷмуъ он 66,8 %-и ҳаҷми умумии ҳамлу нақлро дар ҷумҳурӣ ташкил медиҳад, ки аз ин ҳиссаи асосӣ 54,4 % ба нақлиёти автомобилӣ рост меояд.

Дар ҷараёни баргузории Конфронси якуми умумиҷаҳонии вазирони корҳои дохилӣ, ки ба масъалаҳои бехатарӣ дар роҳ бахшида шуда буд, ба вазъи садаманокӣ дар кишвар баҳои танқидӣ дода шуда, он ҳамчун ҳолати ниҳоят номусоид ва таҳдидкунанда ба амнияти ҷамъиятӣ эътироф гардид. Тибқи маълумоти оморӣ, ҳар сол дар ҷаҳон шумораи зиёди одамон бар асари ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ ба ҳалокат мерасанд. Ҳамчунин зикр гардид, ки ҳар сол садҳо кӯдак қурбонии чунин ҳодисаҳо мегарданд. Сарфи назар аз корҳои анҷомдодашуда ҷиҳати коҳиш додани сатҳи садаманокӣ, мушкилоти ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоно аҳаммияти худро нигоҳ медорад. Афзоиши шумораи воситаҳои нақлиёти баландсуръат вазъи роҳро ба таври ҷиддӣ мураккаб мегардонад. Илова ба ин, ба омилҳое, ки ба зиёд шудани шумораи садамаҳои роҳу нақлиётӣ ва ҷароҳатҳои вазнин ба саломатии одамон мусоидат мекунанд, метавон афзоиши нақлиёти боркаш ва мусофиркаш, сатҳи пасти касбият ва малакаи ронандагон ва як қатор омилҳои дигарро нисбат дод.

Таҳлили омори расмӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои охир сатҳи ҷароҳатбардорӣ дар натиҷаи ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ дар кишвар ба сатҳи баланд расидааст: аз соли 2018 то моҳи июли соли 2025 дар садамаҳои роҳу нақлиётӣ зиёда аз 6000 нафар ба ҳалокат расидаанд, ки аз ин шумора беш аз 800 нафарро кӯдакон ташкил медиҳанд. Ба ҳисоби миёна, дар як шабонарӯз дар роҳҳо зиёда аз нӯҳ ҳодиса ба қайд гирифта мешавад, ки боиси ҳалокати чанд нафар ва расонидани осеби ҷисмонӣ ба якчанд иштирокчии дигари ҳаракат мегардад.

Татбиқи оқилонаи тавсияҳои тактикии криминалистика ҳангоми пурсиш, ки ба далелҳои қобили қабул асос меёбад, фаҳмиши амиқтари механизми кирдори ҷиноятӣ ва хусусиятҳои рафтори шахси гумонбаршударо таъмин менамояд.

Ҳамкории муфаттиш бо кормандони воҳидҳои оперативӣ ва нозироти давлатии бехатарии ҳаракат аҳаммияти махсус дорад, зеро он ҳамкории самаранокро бо мақомоти дахлдор дар раванди ошкор намудани ҷинояткор ва муайян кардани воситаи нақлиёти истифодашуда ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ таъмин менамояд. Чунин ҳамкорӣ ба муайян намудани робитаҳои ҷинояткор бо муҳити ҷиноятӣ, ошкор кардани воситаи нақлиёти истифодашуда, боздошт намудани гунаҳгорон ва ҳалли парванда мусоидат мекунад.

Таҳлили амалияи тафтиш зарурати густариши истифодаи донишҳои махсусро ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо дар соҳаи бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт тасдиқ менамояд. Тафтиши самараноки чунин кирдорҳо ҷалби мутахассисони тибби судӣ, пайшиносҳо ва автотехникҳо, инчунин гузаронидани таҳқиқоти компютерии криминалистии воситаҳои нақлиёт ва унсурҳои инфрасохтори роҳро талаб мекунад.

Дар ҳамин замина, зарурати таҳқиқи амиқи назариявӣ ва таҳлили амалии тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ бештар эҳсос мегардад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он аст, ки ин диссертатсия аввалин таҳқиқоте мебошад, ки ба масъалаҳои таҳқиқоти криминалистии тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ бахшида шудааст. Ҳангоми таҳқиқот таҳқиқи умуминазариявӣ-криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, тавсифи криминалистии он, ҳолатҳое, ки дар раванди тафтиши ин парвандаҳои ҷиноятӣ бояд исбот карда шаванд, хусусиятҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ташкили тафтиш, вазъиятҳои намунавии тафтишӣ ва банақшагирии тафтишӣ, хусусиятҳои тактикии амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, таъйин намудани

экспертизаи судӣ дар мавриди тафтиши ин ҷиноятҳо ва дигар масъалаҳои марбут ба мавзуи мазкур ба таври низомнок омӯхта шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва пешниҳодҳои ин таҳқиқот дар заминаи таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи масъалаҳои тафтишотӣ дар соҳаи тафтиши ин ҷиноятҳо асоснок шудаанд. Рисолаи мазкур яке аз аввалин тадқиқоти мукаммал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки ба мушкилоти тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайронкунии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бахшида шудааст.

Омӯзиши васеи адабиёти илмӣ ба муаллиф имкон додааст, ки унсурҳои асосии криминалистиро (аз қабили муайян кардани тарзи содир шудани ҷинояти мазкур, механизми бавуҷудоии пайҳо дар натиҷаи содиршавии ин ҷиноятҳо, муайян кардани шахсияти гумонбаршуда ва ҷабрдида ва ғ.) дар тафтиши ин ҷиноятҳоро бо дақиқӣ ва равшанӣ муайян намуда, таърифҳои илмӣ ва амалиро пешниҳод намояд. Ин иқдом барои таъмини татбиқи дуруст ва самараноки қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятии мамлакат дар амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба таҳлили амиқи маводи эмпирикӣ ва таҷрибаи амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ такя доранд. Дар раванди таҳқиқот, муаллиф аз оморҳои расмии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2019-2024), инчунин маводҳои парвандаҳои ҷиноятӣ ва таҷрибаи судҳои ҷумҳурӣ истифода намудааст. Гузаронидани таҳлилҳои назариявӣ ва амалӣ, муқоисаи маълумотҳо ва санҷиши далелҳо ба ӯ имкон додааст, ки натиҷаҳои илмӣ ва амалии боэътимод ба даст оварад.

Ҳаҷми васеи маводи таҳлилшуда ва нашри натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ дурустии хулосаҳо ва эътимоднокии онҳоро пурра исбот менамоянд. Тавсияҳои пешниҳодшуда ба муқоисаи меъёрҳои ҳуқуқии миллӣ ва хориҷӣ дар соҳаи тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ асос ёфтаанд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои илмии диссертатсия бо такя ба усулҳои муосири методологӣ, таҳлили муфассали маводи амалӣ ва истифодаи манбаъҳои боэътимоди илмӣ асоснок шудаанд, ки ба таҳқиқоти мазкур арзиши назариявӣ ва амалӣ мебахшанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки ин

рисола бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бахшида шудааст. Муаллиф ба таври мукаммал таркиби ҷиноят, амалҳои тафтишӣ, истифодаи донишҳои махсус, муайян кардани тарзи содир шудани ҷиноят ва дигар паҳлуҳоро таҳлил намуда, ба таҳияи пешниҳодҳои илмии асоснок барои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муваффақ гардидааст.

Аҳаммияти амалӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои диссертатсия метавонанд дар як қатор самтҳо истифода шаванд: дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоӣ – ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятии амалкунанда; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ – барои дуруст татбиқ намудани меъёрҳои моддаи 212 КҶ ҶТ, меъёрҳои КМҶ ҶТ ва пешгирии тафтиши нодурусти ин ҷиноят; дар ҷараёни таълим ҳамчун мавод барои таълими илми криминалистика ва Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, тайёр намудани фаслҳои алоҳиди китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, тафсири илмӣ-амалии КҶ ҶТ, КМҶ ҶТ ва ғайра.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, натиҷаҳои таҳқиқот бавосита ба коҳиши зарарҳои моддӣ, ки дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ ба вуҷуд меоянд, мусоидат менамоянд. Такмили қонунгузорӣ ва беҳтар шудани амалияи тафтишӣ ва судӣ метавонад боиси паст шудани сатҳи ин ҷиноят ва коҳиши хароҷоти давлатӣ барои тафтиш ва мурофиаи судӣ гардад.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар он аст, ки он ба таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ва пешгирии ҷиноятҳои молу мулкӣ ва ҷиноятҳои ба муқобили ҳаёт равона шудааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 6 мақолаи илмӣ, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади

илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 207 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима дурустии интихоби мавзуъ асоснок гардида, мушкилоти назариявӣ ва амалии татбиқи тафтиши дурусти ин парвандаҳо, меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки ба таркиби ҷинояти дар моддаи 212 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда марбутанд, таҳлил ва муайян карда шудаанд. Маҳз мавҷудияти чунин мушкилот зарурати омӯзиши амиқ ва таҳқиқи мавзуи мазкурро муайян намуда, аҳаммияти илмӣ ва амалии онро исбот месозад.

Ғайр аз ин, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои асосии таҳқиқот, объект ва предмети омӯзиш, навгониҳои илмӣ, инчунин аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастомада муфассал баён ёфтаанд, ки ин ҳама заминаи устувори методологӣ барои таҳқиқоти минбаъдаро фароҳам меорад.

Дар боби якум «**Тавсифи криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт**» бо баррасии паҳлуҳои таҳқиқи умуминазариявӣ-криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, тавсифи криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ҳолатҳое, ки дар раванди тафтиши парвандаҳои ҷиноятии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт бояд исбот карда шаванд, баррасӣ ва таҳлил гардидаанд.

Аз ҷумла муаллиф таҳлили криминалистии ҷиноятҳои баррасишаванда, асосҳои танзимӣ-ҳуқуқии ҷиноятӣ ва мурофиавӣ-ҷиноятии он дар мавриди тафтиш таҳлил намуда ба таври асоснок баён медорад, ки «Масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт барои ҳар кишвар аҳаммияти хосса дошта, бо ҷанбаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа алоқаманд мебошад. Садамаҳои нақлиётӣ дар баробари талафот дар ҳаёт ва саломатии одамон, инчунин зарари моддӣ ба иқтисодиёт, давлат ва шаҳрвандон таъсир мерасонанд. Ба мисли дигар давлатҳо, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як қатор қадамҳо барои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ андешида шудаанд, бо дар назардошти ин пешниҳодкарда мешавад, ки «Консепсияи таъмини бехатарии ҳаракат

дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2025-2030» қабул карда шавад». Тавсифи криминалистии ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт низоми байнисоҳавии таҳлили хусусиятҳоеро дар бар мегирад, ки ба маълумотҳои ҷузъии механизми пайдоиши ҷиноят алоқаманданд. Он инчунин иттилоотеро дар бар мегирад, ки ба кирдору рафтори иштирокчиёни ҷиноят дар лаҳзаи рух додан ё баъди он, вобастагӣ дорад. Механизми инкишофи ҳодиса ва ташаккули пайҳои ҷиноят аз шароити воқеии ҳодиса ва вазъияти он вобаста мебошад. Дар баробари ин, тавсиф маълумотҳо дар бораи шахсияти ҷинояткор ва ҷабрдида, ҳамчунин хусусиятҳои воситае, ки барои содир кардани ҷиноят истифода шудааст, фаро мегирад».

Хусусияти тавсифи криминалистии ҷиноятҳо вобаста ба қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ аз он иборат аст, ки ин кирдорҳо дар шакли беэҳтиётӣ содир мешаванд. Яъне ронандаи воситаи нақлиёт чун қоида дар шакли сабукфикрӣ онро содир кардааст.

Муаллиф дар доираи боби мазкур санадҳои алоҳидаи муқарраркунандаи қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳоро таҳлил намуда, хусусият ва ҷиҳатҳои мусбати онҳоро дар ин самт муайян намудааст. Нишон дода мешавад, ки таҳлили ҳолатҳои зикршуда дар заминаи мафҳум ва мазмуни тавсифи криминалистии ҷиноятҳо, инчунин омӯзиши таҷрибаҳои тафтиши ҷиноятҳое, ки ба вайрон намудани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ иртибот доранд, имконият фароҳам месозад, ки сохтори тавсифи криминалистии ҷиноятҳои мазкур муайян карда шавад. Ин тавсиф аз якчанд унсури асосӣ иборат аст, ки барои таҳқиқ ва арзёбии дақиқи чунин ҳолатҳо мусоидат мекунад:

– механизми содиршавии садамаи нақлиёт;
– шахсияти ҷинояткор ва дигар иштирокчиёни ҷойи ҳодиса;
– механизми пайдоиши пайҳо;
– вазъияти ҷойи ҳодиса;
– воситаи содиршавии ҷиноят.

Дар ин боб, муаллиф механизми бавуҷудоии пайҳоро дар натиҷаи содиршавии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳоро низ таҳлил карда ба хулосае омадааст, ки сохтори механизми содиршавии ҷиноят ба чор марҳилаи

мустақил ҷудо мешаванд:

– марҳилаи пеш аз садама (лаҳзаи бавуҷудоии хатар барои иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳо);

– марҳилаи бавуҷудоии садама (таассурот ҳамаи иштирокчиёни ҳаракат ва низоми идоракунии воситаҳои нақлиёт);

– марҳилаи авҷгирии садама (муносибати иштирокчиёни ҷиноят бо воситаи нақлиёт, ҳаракати он пас аз чунин алоқа;

– рух додани ҷароҳат ба иштирокчиён ва осеб дидани воситаи нақлиёт);

– марҳилаи ниҳоӣ (мавқеи мутақобилаи иштирокчиёни ҷиноят пас аз қатъ шудани ҳама гуна ҳаракати иштирокчиён).

Аз натиҷаи омӯзиши ақидаҳои олимон, нуқтаи назари қонунгузорӣ ва амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ӯ маълум гардид, ки вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо дар шакли ҳаракат (беҳаракатӣ) ба вуҷуд омада, бо зиёд кардани суръати муқарраршуда, ба хатти пеши роҳ баромадан, ба аломатҳои роҳ эътибор надодан ва ғайра ифода карда мешавад.

Ба ақидаи муаллиф сабабҳои содиршавии садамаҳои нақлиётӣ аз ҷониби ронандагон мешаванд, инҳоянд: худбоварӣ ё худнамоишӣ дар байни мардум, надоштани дониши ҳуқуқӣ ё малакаҳои баланд, истифодаи маводҳои спиртӣ ё маводҳои мадҳушкунанда, ҳавову ҳаваси ноҷо (ахлоқи нодуруст), надоштани собиқаи ронандагӣ, истифодаи воситаҳои нақлиёте, ки ба талабот ҷавобгӯ намебошанд, бе доштани ҳуқуқи ронандагӣ, ё дидаву дониста вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ (манёвр кардан, суръатро баланд кардан, нигоҳ доштани мошин дар ҷойҳои нодуруст, на риоя кардани роҳнамои чароғу аломатҳои шартии роҳ ва ғ.).

Масъалаи дигаре, ки аз ҷониби муаллиф баррасӣ шудааст, ин ҳолатҳое мебошанд, ки бояд исбот карда шаванд. Ҳангоми тафтиши пешакии садамаҳои нақлиётӣ ҳолатҳое бояд исбот гарданд, ки бо назардошти унсурҳои таркиби ҷиноят дар рафти тафтиши пешакӣ муқаррар карда мешаванд.

Дар ҳолате ки тафтиш дар шакли соддакардашуда анҷом дода мешавад, бояд хусусиятҳои талаботҳои дар модда зикршуда ва асоси кофӣ будани онҳо ба назар гирифта шаванд ва чунин ҳолатҳоро муайян кунанд: а) ҳодисаҳои ҷиноят; б) хусусият ва андозаи зарари ба ӯ расонидашуда; в) гунаҳгории шахс дар содир намудани ҷиноят.

Ба ғайр аз ин, муфаттиш ҳангоми интихоби воситаҳои мурофиавии исбот танҳо ҳамон амалҳои тафтиширо анҷом медиҳад, ки иҷро нагардидани онҳо метавонад боиси гум шудани осори ҷиноят ё дигар далелҳо гардад.

Аз хулосаи муаллиф бармеояд, ки ҳангоми тафтиши ҷиноятҳо вобаста ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ ҳолатҳое, ки бояд исбот карда шаванд, инҳоянд: шахс дар ҳолати мастӣ қарор дошт ё на?; иҷозатномаи махсус (шаҳодатномаи ронандагӣ) оид ба идораи воситаи нақлиёт дорад ё на?; нисбати ронанда ҷазои маъмурӣ татбиқ шуда буд ё на, агар татбиқ шуда бошад, муҳлати он нагузаштааст?; ронанда оё аз муоинаи тиббӣ гузаштааст ва маълумотномаи тиббӣ дошт ё не?; воситаи нақлиёт бо рақами қайди давлатии дахлдошта ё бегона, рақами қалбакӣ ва ё рақамҳои қалбакии қайди воситаи нақлиёт тайёркардашуда истифода шудааст ё не?; дигар ҳолатҳое, ки моддаҳои 212-212 (2) КҶ ҶТ муқаррар мекунад ҷой дорад ё на?.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Асосҳои ташкилӣ ва банақшагирии тафтишии ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** ба таҳлили амиқи назариявию амалии унсурҳои таркиби ҳодисаи ҷинояти вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаи нақлиёт бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф хусусиятҳои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ва ташкили тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ва вазъиятҳои намунавии тафтишӣ ва банақшагирии тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиётро мавриди таҳлил қарор додааст. Албатта марҳилаи оғози парвандаи ҷиноятӣ яке аз марҳилаҳои зарурӣ барои тафтиши парвандаи ҷиноятӣ ба ҳисоб рафта, ин марҳила ҷиҳати қабули қарори асосноки мурофиавӣ хизмат намуда, истисно намудани намудани он қобили қабул намебошад. Мувофиқи моддаи 161 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии

Тоҷикистон «тафтишоти парвандаҳои ҷиноятии оид ба ҷиноятҳои дар моддаҳои 212, 212 (2) ва 216 КҶ ҶТ муқарраршуда, вобаста ба тобеияти тафтишӣ, аз ҷониби таҳқиқбаранда ва муфаттишони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

Асосҳо барои оғози парванда ба ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт бояд кофӣ бошанд ва ба мавҷуд будани нишонаҳои ҷиноят ишора намоянд.

Ба ақидаи муаллиф асосҳои кофӣ инҳо баромад карда метавонанд: маълумотҳо дар ҳуҷҷатҳои аввалия, ки маълумотномаи муассисаи тиббӣ дар бораи зарари расонида ба ҷабрдидаҳо, маълумотнома дар бораи садамаи нақлиётӣ ё гузориши корманди БДА, баёноти ронандаи воситаи нақлиёт, баёноти шоҳидони ҳолати кор, протоколи азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, протоколи азназаргузаронии воситаи нақлиёт, санади экспертизаи судии ронандаи воситаи нақлиёт ҷиҳати муайян намудани ҳолати мастӣ ва монанди инҳо буда метавонад, маълумотномаи муассисаи тиббӣ мавҷудият ва хусусияти осеби баданро муайян мекунад ва ғайраҳо. Инчунин муаллиф қайд мекунад, ки барои оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ оид ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи нақлиёт дар баробари муайян намудани дигар ҳолатҳо маълумотҳои зерин бояд муайян карда шаванд: ҳолати ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани ронандаи воситаи нақлиёт, муқаррар намудани ҳолати мастии ронанда, саркашӣ намудан аз муоина оид ба муқарраркунии ҳолати мастӣ, қаблан бо гуноҳи ҳолати мастӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудани ронанда, доштани доғи судӣ барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ё барои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат аз ҷониби шахсе, ки ба ҷазои маъмурӣ кашида шудааст талаботи қонунро риоя накардааст. Муаллиф асоснок мекунад, ки ин маълумотҳоро кофӣ номидан мумкин аст.

Паҳлуи дигари баррасишаванда аз ҷониби диссертант ин муайян кардани вазъияти содиршавии ҷиноят мебошад. Албатта, барои мақсаднок

гузаронидани тафтиши ҷиноят нақшаи тафтишӣ бояд бо назардошти баҳодиҳии вазъи тафтишӣ ва тағйироти эҳтимолии он дар оянда, ки дар натиҷаи амали муфаттиш ва (ё) дар натиҷаи амали шахси ҷиноятсодиркарда тағйир меёбанд ва ба муқаррар намудани тамоми ҳолатҳои кор таъсир мерасонанд, тартиб дода шавад. Муваффақияти тафтишот аз таҳияи дурусти фарзияҳо вобаста аст, бинобар ин, ҳангоми сохтани онҳо муфаттиш ба он диққат диҳад, ки фарзияҳо бояд таноқуз ва духурагӣ надошта бошанд ва ба таври возеҳ таҳия шуда муътамад бошанд.

Таҷрибаи тафтиши ҷиноятҳои марбут ба роҳу нақлиёт нишон медиҳад, ки фарзияҳои нисбатан маъмулӣ инҳоянд:

– вайрон кардани Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷониби ронанда ё дигар иштирокчии ҳаракат дар роҳ;

– вайрон кардани қоидаҳои истифодаи воситаҳои нақлиёт аз ҷониби ронанда, инчунин аз ҷониби дигар шахсони масъул;

– беэҳтиётии дағалонаи худи ҷабрдида;

– худкушии ҷабрдида (хеле кам ҳам бошанд, аммо ҳолатҳое ҳастанд, ки худи ҷабрдида худро зери чархҳои мошин мепартояд);

– тасодуфан рух додани ҳолатҳое, ки берун аз пешбинии ронанда ва дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ сурат гирифтаанд;

– куштори барқасдона бо истифодаи воситаи нақлиёт ҳамчун олоти куштор;

– саҳнасозӣ кардани ҷинояти марбут ба роҳу нақлиёт бо мақсади пинҳон кардани ҷинояти дигаре, ки маъмулан вазнинтар аст».

Дар марҳилаи тафтиш чор гурӯҳи ҳолатҳои маъмулии тафтишии ибтидоӣ фарқ карда мешаванд, ки ин аз хулосабарории муаллиф бармеояд.

Гурӯҳи аввал ҳолатҳое мебошанд, ки ронанда, воситаи нақлиёт ва ҷабрдида дар ҷойи ҳодиса ҳузур доранд, ё агар онҳо бо сабабҳои муайян, аз қабили расонидани ҷабрдида ба муассисаи тиббӣ аз ҷониби ронанда, дар ҷойи ҳодиса набошанд, иттилооти дақиқ дар бораи онҳо мавҷуд аст.

Гурӯҳи дуюм ҳолатҳоеро дар бар мегирад, ки ҷабрдида дар ҷойи ҳодиса ҳузур дорад, аммо ронанда ва воситаи нақлиёт ғайриҳозир буда, иттилоот дар бораи онҳо вуҷуд надорад.

Гурӯҳи сеюм ҳолатҳое мебошад, ки дар онҳо ҷабрдида ва воситаи нақлиёт дар ҷойи ҳодиса ҳузур доранд, аммо ронандаи воситаи нақлиёт дар маҳал ҳозир нест.

Ба гурӯҳи чоруми ҳолатҳо дар ҷойи ҳодиса набудани ронанда, воситаи нақлиёт ва ҷабрдида дохил мешаванд

Дар охир диссертант ба хулосаи амиқе омадааст, ки сари вақт ва бо сифати баланд тафтиши пешакии тамоми хабарҳо дар марҳилаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дошта, самаранокии тамоми раванди ҷамъоварӣ, омӯхтан ва баҳодиҳии далелҳо, қабули қарорҳои дурусти мурофиавиро бештар муайян мекунад.

Дар боби 3 **«Тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт»** мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтааст.

Диссертант хусусиятҳои тактикии амалҳои алоҳидаи тафтишӣ дар тафтиши ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт ва таъйин намудани экспертизаи судӣ дар мавриди тафтиши ҷиноятҳои мазкурро таҳлил кардааст.

Қайд кардан зарур аст, ки барои дуруст ва ҳаматарафа гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишӣ тавсияҳои илмӣ ва амалӣ таҳия кардан лозим аст. Бо дарназардошти гуфтаҳои пешин, гуфтан мумкин аст, ки барои анҷом додани амалҳои мушаххаси тафтишӣ ҳангоми баррасии ҳолатҳои нақзи қоидаҳои ҳаракат дар роҳ аз ҷониби иштирокчиёни роҳ, якчанд тавсияҳои тактикӣ пешниҳод карда шаванд, ки иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошад. ин амалҳои тафтиши барои сари вақт ошкор ва тафтиш кардани ҳама гуна садамаҳои нақлиётӣ таъсири калони мусбӣ мерасонанд. Ба ин категорияҳои амалҳои тафтишӣ, пурсиши шоҳидон, ҷабрдидагон, гумонбаршуда, азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, таъйин ва гузаронидани экспертизаҳо дохил шуда метавонанд. Муаллиф низ дар ин бора хулосаи асоснок пешниҳод кардааст, ки тибқи он: "Барои самаранок тафтиш кардани ҳама гуна садамаҳои нақлиётӣ бояд ба се амали тафтишӣ бештар рӯ орем (азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, таъйин ва гузаронидани

экспертиза ва пурсиши иштирокчиёни ҷойи садамаи нақлиётӣ). Аз ин се амали тафтиши тамоми ҳолатҳое, ки барои тафтиши парвандаи ҷиноятӣ заруранд ошкор шуданашон мумкин аст.”

Дар масъалаи истифодаи донишҳои махсус, яъне таъини экспертиза бошад, мо бо пешниҳоди диссертант низ шарикем, ки истифодаи донишҳои автотехникӣ, тиббӣ-судӣ, наркологӣ, инчунин донишҳои дигари криминалистӣ ба монанди пайшиносӣ вобаста ба муайян кардани пайҳои воситаи нақлиёт зарур буда аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Хулосаи диссертатсия натиҷагирии умумӣ аз тамоми таҳқиқот буда, дорои 10 банди дорои аҳаммияти назариявӣ мебошад, ки ба таҳкими асосҳои илмӣ ва назариявии таҳқиқоти криминалистии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ равона шудаанд, инчунин 7 банди дигар, ки ба такмили амалияи тафтишӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада на танҳо барои илми криминалистика аҳаммияти назариявӣ доранд, балки дорои арзиши амалии баланд низ мебошанд. Пешниҳодҳои пешниҳодшуда ба беҳтар намудани амалияи тафтишии ин ҷиноятҳо, дақиқсозии аломатҳои таркиби ин ҷиноят ва дуруст ба роҳ мондани истифодаи донишҳои махсус дар тафтиши ин ҷиноятҳо нигаронида шудаанд.

Автореферат, ки **аз** диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Муаллиф дар 3-юм нуқтаи ба ҳимоя пешниҳодшаванда овардааст, ки “Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки ошкор ва тавзеҳ додани сабабҳои вайрон намудани қоидаҳои ҳаракат ва истифодаи воситаҳои нақлиёт муносибати байнисоҳавиро талаб менамояд. Дар баробари таҳлили андозаҳои техникӣ ва ҳолатҳои барои криминалистика аҳаммиятнок, омӯзиши ҳолати равонии ронандагон, тамоюлҳои рафтории онҳо ва муҳити иҷтимоии атроф аҳаммияти махсус касб мекунад. Дар ин замина, рафтори зиддиҳуқуқӣ дар соҳаи ҳаракат аксаран зери таъсири маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ ва равонӣ-ҳаяҷонӣ ташаккул ёфта, танҳо ба хатогиҳои идоракунии воситаи нақлиёт ё нуқсонҳои

техникии он маҳдуд намешавад.” Аз ин нуқта бармеояд, ки дар тафтиши ин ҷиноятҳо бештар диққати ҷиддиро ба донишҳои махсус бояд дод. Аммо муаллиф ба донишҳои махсус камтар такя карда танҳо барои таъини экспертиза номгуи онҳоро дар як зербоб (зербоби 3.2) баррасӣ кардааст. Дар ин зербоб низ тамоми навъи донишҳои махсус (донишҳои психологӣ, пайшиносӣ вобаста ба пайҳои дар ҷойи ҳодиса боқимонда, донишҳо вобаста ба экспертизаҳои маводҳои локӣ-ранго, кимиёвӣ ва ғ.) ба пуррагӣ баррасӣ нашудаанд. Ҳолатҳое, ки дар назди эксперт бояд пешниҳод карда шуда муайян карда шаванд ба пуррагӣ оварда нашудааст. Ҳоло он ки дар тафтиши садамаҳои нақлиётӣ аз панҷ чаҳор ҳиссаи унсурҳои садамаи нақлиётӣ ба тавассути донишҳои махсус ошкор мешаванд.

2. Дар кори худ диссертант вобаста тавсифи криминалистии ин ҷиноятҳо ду зербоби алоҳидаро овардааст. (зербобҳои 1.1 ва 1.2). Аммо дар зербоби 1.1 бештар ба тавсифи умумии қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо аҳаммият додааст. Яъне ҷанбаҳои криминологӣ, криминалистӣ, ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва ғ., аммо дар зербоби 1.2 тавсифоти криминалистиро дар як шакли том овардааст. Ба фикри мо хуб мешуд, ки номи зербоби 1.1 бо номи “Тавсифи умумии вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат дар роҳҳо ва истифодаи воситаҳои нақлиётӣ” ном бурда мешуд.

3. Дар зербоби 2.2 (Вазъиятҳои намунавии тафтишӣ ва банақшагирии тафтиши вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт) вазъияти намунавии тафтишӣ қайд мекунаду дар масъалаи гузоштани тахминҳои асосноки криминалистӣ ва санҷидани онҳо, нақшаи тафтишии муфаттиш вобаста ба садамаҳои нақлиётӣ инчунин ҳолатҳое, ки дар он бояд оварда шаванд, диққати ками илмӣ додааст. Бинобар ин бояд дар назар дошт, ки ин паҳлӯҳо низ нақши асосиро дар пуррагии зербоби мазкур доро мебошанд.

Бо вуҷуди ин эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, дар маҷмӯъ ба арзиши илмӣ, назариявӣ ва амалии рисола таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат

менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Саидзода Раҷабали Ҳокимҷон дар мавзуи: «Таҳқиқоти криминалистии усули тафтиши ҷиноятҳои марбут ба вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.12. Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

Муовини сардори Мактаби олии КДАМ ҶТ
оид ба корҳои илмӣ ва таълимӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Салимов Б.А.
“14” 05 соли 2026

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи, Сино, кӯчаи А.Ҷомӣ, б.10/2, х.47
Тел: (+992) 918-65-34-27 E-mail: salimov.romish@bk.ru

Имзои Салимов Б.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Мактаби олии
КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон капитан С. Каримов

Суроға: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев, 54/2
Тел. (+992 237) 233-55-19
E-mail: maktabi_oli24.@mail.ru
“14” 05 соли 2026